آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

23 ноябри соли 2024 Шанбе № 94 (15105)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

НАҚШАИ ИНКИШОФИ ВИЛОЯТИ ХОРАЗМ МУҲОКИМА ГАРДИД

Президент Шавкат Мирзиёев 22 ноябр доир ба чорабиниҳои иловагии инкишофи иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хоразм ҷамъомад баргузор намуд.

Дар солҳои охир дар минтақа соҳибкорӣ, агросаноат ва бахши хидматрасонӣ мунтазам инкишоф меёбад. Сафари роҳбари давлат дар ибтидои сол ва вазифаҳои зимни он муқарраргардида ба ин таҳрики иловагӣ бахшид.

Соли оянда ба вилоят ҷалб намудани 1,5 миллиард доллар сармоя ба нақша гирифта шудааст. Ин барои фароҳам овардани корхонаҳои зиёд, ҷойҳои кор ва боло рафтани некуаҳволии аҳолӣ пойдевор мегардад.

Барои мисол, агар дар ноҳияи Қӯшкӯпир 175 гектар замин ба минтақаи саноатӣ муттаҳид карда шавад, ба миқдори 1 миллиард доллар лоиҳаҳоро татбиқ кардан имконпазир мегардад.Ин имкон медиҳад, ки 2 ҳазор ҷойи кор дар бахшҳои электротехника, кимё, мошинсозӣ ва дорусозӣ ташкил карда шавад.

Коҳиш додани минтақаи муҳофизатии канали Шовот аз 50 то 25 метр имкон медиҳад, ки лоиҳаҳо ба ҳаҷми 30 миллион доллар ҷойгир карда шаванд. Дар ин ҷо ба миқдори 1 триллион сӯм хидматрасонӣ гардида, 2,5 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда мешавад. Дар шафати каналҳои Газоват ва Полвон инчунин имконот барои татбиқи лоиҳаҳо ба маблағи 50 миллион доллар вуҷуд дорад.

Дар хоҷагии қишлоқ ва хоҷагии об инчунин имконоти корбастнашуда вуҷуд дорад. Барои вусъат додани паррандапарварӣ дар ноҳияи Қӯшкӯпир, моҳипарварӣ дар ноҳияи Боғот шароит кофист. Беҳсозии таъминоти об дар ноҳияи Янгиариқ имкон медиҳад, ки 1,2 ҳазор нафар дар сектори агросаноатӣ, маҳз парвариши маҳсулоти полизӣ, шоликорӣ ва моҳипарварӣ машғул гарданд.

Дар соҳаи иҷтимоӣ низ пешниҳодот вуҷуд дорад. Аз он ҷумла, ба маълумоти сифатнок талаб зиёд аст. Аз ин рӯ таъмир намудани 44 мактаб ва кудакистон, сохтмони биноҳои нави таълимӣ дар асоси шарикии давлативу хусусӣ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин ба вуҷуд овардани марказҳои тиббии бисёрсоҳа дар ноҳияҳои Урганҷ, Боғот, Шовот ва Янгибозор ба нақша даромадааст.

Роҳбари давлат вазифадор намуд, ки ин пешниҳодот тартиб дода шуда, лоиҳаи қарорҳо омода карда шаванд. Муҳим аст, ки имконот ба натиҷа табдил дода шуда, одамон бо кор таъмин гардида, даромадашон афзояд, таъкид кард Президент.

ЎзА.

ЧОРАҲО ОИД БА ПУРЗЎР ГАРДОНДАНИ АҲАМИЯТИ ТЕАТРҲО ДАР ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ҶОМЕА МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Президент Шавкат Мирзиёев 22 ноябри соли 2024 бо тақдимоти пешниҳодҳо оид ба рушди фарҳанг ва санъат, аз ҷумла дастгирии минбаъдаи театрҳо ва баланд бардоштани аҳамияти онҳо дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа шинос шуд.

Ин масъала дар ҷамъомади Шӯрои ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат, ки 22 декабри соли гузашта баргузор шуда буд, баррасӣ гардид. Масъулон дар бораи чорабиниҳои таҳияшуда маълумот доданд.

Ҳамин тариқ, дар солҳои 2025–2030 ба нақша гирифта шудааст, ки силсилаи 32 намоишномаи марбут ба мавзӯъҳои «Қаҳрамони миллӣ» ва «Баҳри шараф ва қадри инсон» таҳия гардад.

Пешниҳодҳо оид ба дастгирии ҳамкории эҷодӣ дар офаридани асарҳои саҳнавӣ, рушди драматургия ва коргардонӣ тақдим шуданд. Аз ҷумла, пешниҳод мешавад ҷоизаи ба номи Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ барои драматургҳо ва ҷоизаи ба номи Баҳодур Юлдошев барои коргардонҳои ҷавон таъсис дода шавад, лоиҳаи эҷодии «Нигоҳ» оғоз шавад ва озмуни бастакорон дар соҳаи мусиқии академӣ баргузор гардад.

Таъкид гардид, ки бо мақсади таҳкими робитаи фарҳанг, санъат ва маориф зарур аст, ки машғулиятҳои амалӣ дар театрҳо васеъ карда шаванд ва дар мавриди гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар бахши театр фармоишҳо ҷойгир карда шаванд.

Мактаби маҳорат барои ҳунармандон ва коргардонҳои театр, театршиносон ва санъатшиносон, клубҳои мунаққидони театр ва драматургҳо бо дастгирии фаъолияти онҳо ташкил карда мешаванд. Ҳар сол театрҳои ғайридавлатӣ низ фармоиши давлатӣ мегиранд.

Дар муассисаҳои таълими ҳамагонӣ ва олӣ гурӯҳҳои ҳаваскорони театрӣ арзи вуҷуд карда, байни онҳо озмунҳо баргузор мегарданд, инчунин татбиқи Барномаи «Театр — мактаби ҳаёт», ки ба тамошои мунтазами театр аз ҷониби ҷавонон равона шудааст, ба нақша гирифта шудааст.

Аз соли оянда рейтинги миллии гурӯҳҳои театрии Ӯзбекистон тартиб дода мешавад. Биноҳои театрҳо дар минтақаҳо бо истифода аз технологияҳои муосир таъмир ва таҷдид карда мешаванд. Театри давлатии мусиқии ба номи Муқимӣ мақоми академӣ мегирад.

Илова бар ин, дар тақдимот таъкид гардид, ки бояд барои ҳавасмандгардонии ходимони соҳа чорабиниҳои зарурӣ андешида шаванд. Аз соли 2025 музди меҳнати кормандони соҳаи фарҳанг, санъат, иттилоотӣ-китобхонавӣ ва музейҳо зиёд карда мешавад.

Ҳавасмандии моддии кормандон бо нишондиҳандаҳои самаранокии кори онҳо (KPI) вобаста хоҳад шуд, ки чунин меъёрҳо, аз қабили пешниҳоди хидматрасониҳои фарҳангӣ ба аҳолӣ, махсусан сафари театрҳо ба минтақаҳои дурдаст, эҷоди асарҳои нав ва кашфи ҷавонони соҳибистеъдодро дар бар мегиранд.

Аз соли 2025 музди меҳнати кормандони Оркестри миллии симфонии Ӯзбекистон низ ба таври назаррас баланд мешавад. Ҷамоаи оркестр ҳамасола бо фармоишҳои давлатӣ асарҳои нави мусиқӣ таҳия мекунад, мактабҳои маҳорат барои дирижёрон ва иҷрокунандагони соҳибистеъдоди иҷрои оркестрӣ, сафари гастролии оркестр дар минтақаҳои кишвар ва хориҷ, инчунин консертҳо барои кормандони корхонаҳо ва ташкилотҳои калон ташкил карда мешаванд.

Ҳамзамон, Президент дастур дод, ки таҳсилот дар соҳаи фарҳанг ва санъат ба сатҳи нав бардошта шавад. Вазифа гузошта шуд, ки системаи ягонаи дарёфт, интихоб, таълим ва тарбияи ҷавонони соҳибистеъдод таҳия карда шавад, мувофиқати нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ дар системаи таҳсилоти умумӣ, беруназмактабӣ, касбӣ ва олӣ, инчунин дар муассисаҳои фарҳанг ва санъат таъмин карда шавад.

ЎзА.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ТАЪИН КАРДАНИ АЪЗОИ ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Мутобиқи қарорҳои дахлдори Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 21 ноябри соли 2024, номзадҳо ба ҳайати аъзои Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ шуданд.

1. Мутобиқи моддаи 109 Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон инҳо аъзои Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъин карда шаванд:

Ачилбай Ҷуманиязович Раматов — муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Ҷамшед Анварович Кучкаров — муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон — вазири иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Ҷамшед Абдуҳакимович Ходжаев — муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Зулайхо Бахриддиновна Маҳкамова — муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон — раиси Кумитаи оила ва занон;

Лазиз Шавкатович Қудратов — вазири сармоягузорӣ, саноат ва савдои Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Ботир Эркинович Заҳидов — вазири шуғл ва коҳиши камбизоатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Иброҳим Юлчиевич Абдураҳмонов — вазири кишоварзии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Шавкат Рахимович Хамраев — вазири хоҷагии оби Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Шерзод Саидҷанович Хидоятов — вазири сохтмон ва хоҷагии манзилию коммуналии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Илҳом Рустамович Махкамов — вазири нақлиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Ҷӯрабек Турсунпулатович Мирзамаҳмудов — вазири энергетикаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Бобир Фарҳадович Исломов — вазири саноати маъдани кӯҳӣ ва геологияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Шерзод Хотамович Шерматов — вазири технологияҳои рақамии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Азиз Абдукахарович Абдухакимов — вазири экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Асилбек Анварович Худаяров — вазири тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Хилола Уктамовна Умарова — вазири таълими томактабӣ ва мактабии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Конгратбай Авезимбетович Шарипов — вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Адхам Илхамович Икрамов — вазири варзиши Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Озодбек Ахмадович Назарбеков — вазири фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Акбар Джурабаевич Ташкулов — вазири адлияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Бахтиёр Одилович Саидов — вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Абдулла Хамидуллаевич Кулдашев — вазири ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Пӯлат Раззақович Бобоҷонов — вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Баҳодир Низамович Курбанов — вазири мудофиаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

Мутобиқи моддаи 114 Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, роҳбари ҳукумати Ҷумҳурии Қароқалпоқистон аз рӯи вазифа ба ҳайати Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дохил мешавад.

2. Назорати иҷрои ин Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон
Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
21 ноябри соли 2024.

ДАР СУРХОНДАРЁ БАРОИ СОҲИБКОРӢ ИМКОНИЯТИ ВАСЕЪ ФАРОҲАМ МЕОЯД

Президент Шавкат Мирзиёев 22 ноябр доир ба чорабиниҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Сурхондарё, минбаъд беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва муҳити корӣ ҷамъомад баргузор намуд.

Дар натиҷаи кори бонизом, ки ба инкишофи минтақаҳо нигаронда шудааст, дар вилоят инчунин имконоти васеъ ба вуҷуд меояд. Соли оянда ба нақша гирифта шудааст, ки ба Сурхондарё 2 миллиард доллар сармоя ҷалб гардида, 425 ҳазор нафар бо кор таъмин шуда, содирот то 320 миллион доллар расонда шавад.

Барои мисол, дар минтақаи байналхалқии савдои «Айритом» моҳе маҳсулот ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 5 миллион доллар ба фурӯш мерасад. Ҳудуди онро то 150 гектар васеъ намуда, лоиҳаҳоро боз дар ҳаҷми 250 миллион доллар ба амал татбиқ намудан мумкин аст.

Сармоягузорони Чин 2,7 миллиард долларро ба бахши конҳои мису нуқра дар ҳудуди Боботоғ ва фароҳам овардани 2 ҳазор ҷойи корро пешниҳод мекунанд. Дар натиҷа соле имконоти содир намудани маҳсулоти омода ба маблағи 600 миллион доллар ба вуҷуд меояд.

Ҳудудҳои Вандоб ва Чорбоғи ноҳияи Шеробод аз захираҳои канданиҳои фоиданок, мисли волфрам, ангишт, намаки чӯшонда, реги кварц бой мебошад. Дар ин ҳавзаҳо ҷалб намудани 320 миллион доллар сармоя ва ба вуҷуд овардани 1,5 ҳазор ҷойи кор ба нақша гирифта шудааст. Дар ҳудуди 50 гектар майдон дар ноҳияи Бандихон кушодани филиали Минтақаи озоди иқтисодии Тирмиз дар назар аст.

Дар хоҷагии қишлоқ инчунин имконоти корбурднашуда зиёд аст. Барои мисол, шароити табиии ноҳияҳои Бойсун ва Узун барои парвариши сунбули мушкин мусоид мебошад. 18 ҳазор гектар чарогоҳ ва бешазор, ки барои ин мақсадҳо ба аҳолӣ пешниҳод мегардад, 4 ҳазор нафарро бо кор таъмин месозад. Дар чунин чарогоҳҳо дар ноҳияҳои Узун, Шӯрчӣ ва Қумқӯрғон ташкил намудани маҷмӯаҳои гӯсфандпарварӣ ва чорводориро имконпазир мегардонад.

Обе, ки дар 17 коллектори ноҳияи Музработ ғун мегардад, қариб дар 4 ҳазор гектар парвариш намудани шолиро имконпазир мегардонад. Ба туфайли ин соле 8,5 ҳазор тонна биринҷ ба даст омада, 400 нафар дар асоси доимӣ бо кор таъмин шуда, боз 4,5 ҳазор нафар бо корҳои мавсимӣ банд мегарданд.

Ба вуҷуд овардани гармхонаҳо дар 300 гектар дар ноҳияи Қизириқ ва токпарварӣ дар ҳазор гектар дар ноҳияи Олтинсой самараи хуби иқтисодиро барои парвариши маҳсулоти бозоргир ба вуҷуд меорад.

Барнома доир ба беҳсозии шароити сайёҳӣ дар Санггардак, Амонхона, Бойсун ва на камтар аз 1 миллион сайёҳ ҷалб намудан барнома таҳия мегардад.

Дар ҷамъомад ҳокими вилояти Сурхондарё нақшаҳоро оид ба истифодаи имконоти мазкур муаррифӣ намуд.

Роҳбари давлат доир ба татбиқи ташаббусҳои соҳибкорӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёр дар пойгоҳи ҳавзаҳои истихрочӣ, рушди савдо ва хидматрасонӣ супоришҳо дод. Таъкид шуд, ки ҳар як вачаби замин, ки барои кишоварзӣ ҷудо карда мешавад, бояд ба таъмини шуғли аҳолӣ ва бехатарии озуқаворӣ хидмат намояд.

ЎзА.

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ИНКИШОФИ ҚОРӢ ВА ИСТИҚБОЛИ ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТРО МУҲОКИМА НАМУД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 22 ноябр бо мушовир оид ба масъалаҳои инкишофи иқтисодӣ, идораи босамар ва ҳамкории байналхалқӣ Сума Чакрабартӣ мулоқот намуд.

Ҷараёни татбиқи Стратегияи «Ӯзбекистон - 2030» дар чорчӯбаи Барномаи давлатӣ барои соли ҷорӣ ва ҳамчунин истиқболи пеш бурдани ислоҳот дар соли оянда баррасӣ гардид.

Эътибори алоҳида ба масъалаҳои омодагӣ ва баланд бардоштани малакаи кадрҳои идоракунии давлатӣ нигаронда шуд.

Дар мулоқот қадамҳои минбаъда дар доираи ҷараёни доир ба дохил гардидани Ӯзбекистон ба Созмони ҷаҳонии савдо муҳокима гардид. Таъкид шуд, ки ҳамоҳангсозии босуръати қонунгузории миллӣ бо қоида ва талаботи СҶС ва ҳамчунин идома додани кор дар заминаи беҳсозии мавқеи мамлакат дар рейтингҳои ҷаҳонӣ ногузир мебошад.

Президент аҳамияти сари вақт иҷро намудани тамоми лоиҳаҳои банақшагирифташуда, пурра намудани барномаҳои стратегиро бо ташаббусҳои нав, хусусан бо назардошти вазифаҳои дар мамлакатамон эълон гардидани Соли ҳимояи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз», таъкид намуд.

ЎзА.

ҲАМВАТАНОНИ БУРУНМАРЗӢ БА ЯК ҚАТОР ҲУҚУҚ ВА ИМТИЁЗҲО ФАРО ГИРИФТА МЕШАВАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба қарор «Дар бораи чораҳо оид ба такмили минбаъдаи низоми дастгирии ҳамватаноне, ки саъй менамоянд дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварамон фаъолона иштирок кунанд» имзо гузошт.

Қарор ба дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҳамватанони бурунмарзӣ, муттаҳид кардани онҳо дар атрофи Ватани таърихӣ, баланд бардоштани ҳисси ифтихор дар дилу зеҳни онҳо, ҳифзи худшиносии миллӣ ва густариши муколамаи доимӣ бо онҳо нигаронда шудааст.

Ҳамватан шахсест, ки аз зодагони Ӯзбекистон мебошад, ё худро ҳамчун ӯзбек ё қароқалпоқ аз лиҳози мансубияти этникӣ, забонӣ, фарҳангӣ-таърихӣ муаррифӣ мекунад, барои рушди робитаҳои фарҳангӣ-гуманитарӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар муносибатҳо бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон кӯшиш менамояд, инчунин ворисони он ба ҳисоб меравад.

Бо ҳуҷҷат ҷорӣ намудани шаҳодатномаи «Ватандош» ва корти «Ватандош» пешбинӣ шудааст, ки инҳо ба ҳамватанон ҳуқуқу имтиёзҳои иловагӣ медиҳанд.

Шаҳодатномаи «Ватандош» ба ҳамватанони бурунмарзӣ барои иштироки фаъолонаашон дар ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварамон дода мешавад ва барои гирифтани корти «Ватандош» асос мебошад. Корти «Ватандош» дар шакли ID-корт ба муҳлати то 5 сол дода мешавад.

Шаҳодатнома ба ҳамватаноне дода мешавад, ки саҳмия (ё ҳисса) харидаанд, дар қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон корхонаҳои ҳориҷӣ ё муштарак таъсис додаанд, ё ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баланд бардоштани обрӯи мусбати Ӯзбекистон дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Ҳамватаноне, ки шаҳодатнома ва корт доранд, ба ҳуқуқу имтиёзҳои зерин соҳиб мешаванд:

– воридшавӣ ва баромади бевиза ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

– ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ бе ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи фаъолияти меҳнатиро тасдиқ мекунанд, шаҳодатномаи зист дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон талаб карда намешавад;

– ҳангоми харидани амволи ғайриманқул, меъёри арзиши барои шаҳрвандони хориҷӣ муайяншуда татбиқ намешавад;

– дастрасии ҳамватанон ва аъзои оилаҳои онҳо ба хидматрасониҳои тиббӣ, таълим ва дигар хидматрасониҳои давлатӣ, ки барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешбинӣ шудаанд;

– гирифтани раводиди бисёркарата ва дароз кардании муҳлати амали он бе пардохти боҷи давлатӣ ва бе зарурати хориҷ шудан аз қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

– бақайдгирӣ дар маҳаллии зисти муваққатӣ бе пардохти боҷи давлатӣ.

Қарор дар бораи додани шаҳодатномаи «Ватандош» аз ҷониби мақомоти байниидоравии коллегиалӣ – Комиссия қабул карда мешавад.

Ҳуқуқу имтиёзҳое, ки бо ин қарор фароҳам оварда мешаванд, идомаи мантиқии корҳо оид ба ҳавасмандгардонии ҳамватанон мебошанд, ки ба рушди кишвари мо саҳми арзанда мегузоранд.

Ба вазорат ва идораҳои дахлдор дастур дода шудааст, ки иҷрои вазифаҳои дар ҳуҷҷат пешбинишударо таъмин намоянд ва ба санадҳои зериқонунӣ тағйироти зарурие, ки аз он бармеоянд, ворид кунанд.

ЯРМАРКАИ МАҲСУЛОТИ ҲУНАРМАНДӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯ

Дар пойтахт ярмаркаи байналмилалии маҳсулоти ҳунармандӣ ва технология таҳти унвони «Craft fair Uzbekistan» баргузор гардид.

Ин ярмаркаи байналмилалӣ ҳар сол дар павилонҳои «Узэкспомарказ» тибқи қарори роҳбари давлати мо «Дар бораи чораҳои такмили минбаъдаи низоми дастгирии фаъолияти ҳунармандӣ» аз 30 декабри соли 2021 баргузор мешавад.

Ярмаркаи «Craft fair Uzbekistan» бо дастгирии Вазорати сармоягузорӣ, саноат ва савдо, Кумитаи сайёҳӣ, Ассотсиатсияи «Ҳунарманд» ва Палатаи савдо ва саноати Ӯзбекистон ташкил карда шуд. Дар он зиёда аз 100 ҳунармандони маҳаллӣ, инчунин 15 ҳунармандони хориҷӣ аз Тоҷикистон, Қазоқистон ва Туркманистон ширкат варзиданд.

Ҳунармандони машҳур оид ба санъати гулдӯзӣ, кулолгарӣ, кандакорӣ, наққошӣ ва кандакории чӯб дарсҳои маҳорат гузаронидаанд.

Аз ҷумла, иштирокдорон имконият пайдо карданд, ки раванди корро аз ҷониби устои пуртаҷрибаи кулолгар Мирзабаҳром Абдуваҳҳобов, гулдӯзи моҳир Зуҳро Облабердиева, созандаи асбобҳои мусиқӣ Абдумалик Мадраимов, заргар Тоҳир Муҳаммадов ва дигарон мушоҳида намоянд.

Дар чунин чорабиниҳо ҳунармандон на танҳо маҳсулоти худро мефурӯшанд, балки таҷриба мубодила намуда, робитаҳои дӯстӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро бо ҳунармандони кишварҳои хориҷӣ барқарор мекунанд.

Ярмаркаи байналмилалии «Craft fair Uzbekistan» ба як чорабинии анъанавии намоишгоҳӣ-ярмаркавӣ табдил хоҳад ёфт. Маҳсулоти ҳунармандии дар Ӯзбекистон истеҳсолшуда таваҷҷуҳи зиёди сайёҳонро, ки ба кишвари мо таширф меоранд, ба худ ҷалб менамояд.



Гулноза БОБОЕВА,
мухбири ЎзА.
Дар сурат: дар ярмарка.
Суратгир: А. АЛИҶОНОВ (ЎзА).

МУШКИЛОТ МУАЙЯН, ТАҲЛИЛ ВА БАРТАРАФ КАРДА МЕШАВАД

Дар доираи ислоҳоти васеъмиқёси кишварамон ба таъмини зиндагии осудаву осоиштаи аҳолӣ ва ташаккули маданияти итоат ба қонун дар ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Барои таъмини иҷрои Фармони Сарвари давлат аз 24 майи соли ҷорӣ «Дар бораи минбаъд баланд бардоштани масъулияти мақомот ва муассисаҳои адлия дар доираи ислоҳоти маъмурӣ ва ташаккули низоми ихчами идоракунӣ» тадбирҳо андешида мешаванд.



Дар шуъбаи Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии (САҲШ) ноҳияи Мирзо Улуғбеки шаҳри Тошканд низ баҳри баланд бардоштани самаранокии иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда, таъмини ҳуқуқу озодии шаҳрвандон, ҳалли мушкилоти онҳо як қатор корҳоро анҷом медиҳанд.

Мо оиди ислоҳоте, ки дар соҳа амалӣ мешаванд, бо мутахассиси САҲШ-и ноҳия Дилфуза Холмуҳамедова суҳбат оростем.

– Дилфуза Комиловна, дар бораи корҳое, ки барои ташкили самараноки фаъолияти мақомоти адлия ва баланд бардоштани фарогирии хидматрасонии ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешаванд, маълумот медодед.

– Барои баланд бардоштани фаъолияти мақомот ва муассисаҳо дар доираи васеъ намудани хидматрасонии ҳуқуқӣ самтҳои иловагии фаъолияти мақомоти адлия муайян карда шудааст. Инҳо: муайян, таҳлил ва бартараф намудани мушкилоти ҳуқуқии аҳолӣ, таҳия намудани лоиҳаи қонунгузорӣ, расонидани ёрии аввалини ройгони ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ёрии методӣ дар ташаккули амалиёти татбиқи ҳуқуқи ягона дар мақомот ва маҳалҳо мебошанд. Дар асоси ин самтҳои муайяншуда дар шуъбаҳои адлия корҳои назаррас амалӣ мешаванд

– Ба Агентии хидматҳои давлатӣ гузаштани шуъбаҳои САҲШ ба аҳолӣ чӣ қулайиҳо дорад?

– Дар натиҷаи ба тасарруфи Агентии хидматҳои давлатӣ гузаштани шуъбаҳои САҲШ хидматрасонӣ зуд, шаффоф ва қулай мешавад, зеро сохторе таъсис дода шудааст, ки имкони пайвастан ба тамоми вазорату идораҳо ва муассисаҳоеро дорад, ки ба гирифтани маълумоти марбут ба ин соҳа ниёз доранд.

Аз сабаби ба роҳ мондани қабули электронӣ ва онлайн бисёре аз намудҳои аризаҳои дар САҲШ мавҷуд, аз ҷониби корманди соҳа ба таври электронӣ пур карда мешавад ва шаҳрванд танҳо шинос шуда, имзо мегузорад, дар натиҷа, интизории шаҳрвандон дар навбатҳо ба таври назаррас кам мешавад.

Дар ин ҳолат шаҳодатномаи таваллуд, акди никоҳ ва дигар намудҳои шаҳодатномаҳо ба таври электронӣ ба «Архиви ягонаи САҲШ» ворид карда мешаванд.

Муқаррар шудааст, ки маълумот дар бораи ба қайд нагирифтани таваллуд ва ҳолати беникоҳ будан аз рӯйи тартиби ҳудудӣ тавассути хидматҳои давлатӣ гирифта мешавад.

Илова бар ин, азбаски пардохтҳо ба таври системаи пардохти электронии биллинг-инвойс сурат мегирад, вақти ба касса рафтан сарфа мешавад.

Дар робита бо ҷорӣ намудани низоми электронӣ дар муассисаҳои тиббӣ ва таваллудхонаҳо ҳангоми таваллуди кӯдак маълумот дар бораи модар ва кӯдак ба шуъбаи САҲШ ба таври электронӣ ирсол мешавад.

– Дар ҷое, ки кор ҳаст, камбудӣ низ вуҷуд дорад. Дар фаъолияти мақомот чӣ гуна камбудиҳо вуҷуд дорад ва имрӯз ин камбудиҳо то чӣ андоза бартараф ёфтааст?

– Тавре қаблан зикр кардам, ба туфайли системаи муассири электронӣ ба даводавиҳои шаҳрвандон бобати ҷустуҷӯйи ҳуҷҷатҳои худ ва наздиконашон, ки рӯзҳо ва ҳатто солҳо тӯл мекашид, хотима гузошта шуд. Коғазбозии зиёдатӣ барҳам ёфта, барои сарфаи вақт шароит фароҳам оварда шудааст.

Инчунин кор танҳо бо система маҳдуд нагардида, барои ҷавонон ва оилаҳое, ки барои бекор кардани акди никоҳ мурочиат кардаанд, дар якҷоягӣ бо дигар ташкилоту муассисаҳо тартиботи нигаҳдории оила ҷорӣ намуда, ҳатто аз ҳаёти шахсони рӯзгордида истифода бурда, кӯшиш менамоем, ки ин оилаҳоро оштӣ диҳем. Дар баъзе ҳолатҳо суҳбатҳои мо сабаб мегардаду онҳо дубора оиларо барқарор мекунанд.

– Дар бораи корҳое, ки тибқи Фармони Сарвари давлат дар доираи ислоҳоти маъмурӣ амалӣ мегарданд, тавзеҳ медодед.

– Барои ташкили корҳои самарабахш ба зиммаи шуъбаҳои адлия вазифаҳои иловагӣ гузошта шуд. Аз ҷумла, доир намудани чорабиниҳои «Рӯзи адлия» дар маҳалҳо ҷиҳати омӯхтан ва ҳалли мушкилоти аҳолӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба қонунгузорӣ тавассути хона ба хона гашта гузаронидани иқдоми «Ёрии ҳуқуқӣ», ҳалли мушкилоти ҳуқуқӣ тавассути платформаи «Online-mahalla», гузаронидани чорабиниҳои тарғиботӣ дар маҳалҳо, ки ба ҷавонон, занон ва шахсони ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ доир ба имтиёзҳое, ки қонун муқаррар кардааст, шарҳу эзоҳ дода мешавад.

Аз ҷумла, сокини ноҳияи Мирзо Улуғбек Замира Элмуродова ба шуъба бо мушкилоте мурочиат кардааст. Ҳангоми омӯхтани мурочиат маълум шуд, ки шаҳрванди соли таваллудаш 1955 бо сабабҳои гуногун то ҳол шаҳодатномаи таваллуд надорад. Кормандони шуъбаи САҲШ ҳуҷҷатҳои архиви марбут ба мушкили шаҳрвандро омӯхта, дар доираи иқдоми «Ёрии ҳуқуқӣ» сабти барқароркунии соли таваллуд, шаҳодатномаи нав тартиб дода, ба соҳибаш супурданд. Инчунин ба пиронсолон, шахсони бемор дар ҳалли мушкилоти онҳо ёрии амалӣ расонида мешавад.

Ба ғайр аз ин, дар муассисаҳои таълим ба ҷавонон дар мавзӯъҳои «Институти оила», «Нақши оила дар ҷомеа», дар бораи тағйирот дар қонунгузории оила, корҳо оид ба таҳияи пойгоҳи электронии САҲШ маърӯзаҳо ҳонда мешаванд.

Гуфтан мумкин аст, ки ислоҳоти густурдае, ки дар кишварамон барои баланд бардоштани шаъну шарафи инсон амалӣ карда мешавад, самараи хуб мебахшад.

Суҳбаторо
Мағфират МАМАҶОНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Ба мақсади тарғиб намудани мероси пуарзиши маънавии адиб ва мутафаккирони ҷадид дар байни хонандагони мактабҳои таълими умумӣ, ғанитар гардондани олами маънавии онҳо Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии Ӯзбекистон таҳти унвони «Аз пайи ҷадидон» озмун эълон карда буд. Дирӯз дар Бухоро марҳилаи вилоятии он баргузор гардид.

МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУНИ «АЗ ПАЙИ ҶАДИДОН» ДАР БУХОРО

Дар он 26 нафар донишомӯзон, ки бино ба тоифаи синну сол дар марҳилаҳои шаҳрию ноҳиявӣ ғолиб гаштаанд, иштирок намуданд.

Дониши онҳо оид ба ҳалли масъала, саволу ҷавоб ва таҳлили асар санҷида шуд. Бинобар натиҷаи ниҳоӣ дар байни хонандагони синфҳои 6-7-8 ҷойи якум ба талабаи мактаби рақами 20-уми шаҳри Бухоро Мадина Шарофова, ҷойи дуюм ба талабаи мактаби 3-юми ноҳияи Вобканд Зафар Муродов, ҷойи сеюм ба хонандаи мактаби рақами 6-уми ноҳияи Шофиркон Гӯзалхон Салимова насиб кард.

Дар мусобиқаи байни шогирдони синфҳои 9-10 ҷойи аввал ба хонандаи мактаби рақами 4-уми ноҳияи Бухоро Машҳура Толибова, ҷойи дуюм ба шогирди мактаби 45-уми ноҳияи Ҷондор Марҷона Файзиева ва ҷойи сеюм ба хонандаи мактаби рақами 18-уми ноҳияи Вобканд Азиза Туропова дода шуд.

Ғолибон ва иштирокунандагони озмун бо диплом, ташаккурнома ва туҳфаҳо қадр карда шуданд.

Соҳибони ҷойи аввал дар марҳилаи ҷумҳурӣ иштирок хоҳанд кард.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ДАР «МОҲОНАИ БЕХАТАРӢ АЗ СӮХТОР» ФАЪОЛ БОШЕМ!

Пӯшида нест, ки баробари фарорасии фасли сармо ба асбобҳои гармидиҳӣ эҳтиёҷ меафзояд. Мушоҳидаҳо нишон додаанд, ки истифодаи нодурусти асбобҳои носози барқӣ ва газ ба сар задани сӯхтор оварда мерасонад.

Баҳри пешгирии ҳолатҳои ногувори сӯхтор ҳар сол дар кишварамон дар арафаи фарорасии мавсими сармо «Моҳонаи бехатарӣ аз сӯхтор» ташкил мегардад. Имсол ин чорабинӣ аз 15-уми ноябр то 15-уми декабр давом хоҳад кард.

Ба амал баровардани чораҳои васеъмиқёс дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, мувофиқи талаботи бехатарии сӯхтор нигоҳ доштани объектҳои маданиву мавзеъҳои аҳолинишин мақсади асосии моҳона мебошад. Ходимони таъмини бехатарии сӯхтори Кохи санъати «Туркистон» чун дигар объектҳои саноативу маданӣ дар асоси низоми техникӣ ва қоидаҳои бехатарӣ тадбирҳои пешгирӣ намудани сӯхторро ба амал мебароранд.

Онҳо баробари ҳифзи бехатарии иншооти мазкур ба мавзеъҳои наздики он рафта, бо роҳбарони корхонаҳо, аз ҷумла, Филармонияи давлатии Ӯзбекистон ва дар маҳаллаҳои Астробод ва Ҳасанбой байни аҳолӣ гашта, маслиҳату пешниҳодҳои худро оиди риояи қоидаҳои бехатарӣ медиҳанд.

Аз тарғиботу маслиҳатҳои ходимони соҳа дуруст хулоса бароварда, ба қоидаҳои бехатарии сӯхтор амал намоем, пеши ҳар гуна нохушиҳоро гирифта, ба гул-гулшукуфоии ҳаёти осудаву фаровон ҳисса гузорем.

Ҳусанбой МАМАҶОНОВ,
инспектори шуъбаи ташкил ва таъмини бехатарӣ аз сӯхтори Кохи санъати «Туркистон»-и пойтахт.

ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ «МАКОНИ САБЗ» ИДОМА ДОРАД



Соли савум аст, ки дар кишварамон бо ташаббуси Президент лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» роҳандозӣ мешавад. Мақсад аз татбиқи ин лоиҳа ба гулу гулзор табдил додани кӯчаҳо, барпо намудани боғҳои нав мебошад. Бо ин амали нек натанҳо гирду атроф обод ва сабзу хуррам, балки дар тоза кардани ҳаво низ саҳм мегузорем. Дарахтон гази карбонро фурӯ бурда, оксиген хориҷ мекунанд. Ин ташаббуси нек дар фасли тирамоҳ идома дорад.

Ин иқдоми нек дар корхонаву муассисаҳо, ҳудуди маҳаллаҳои ноҳияи Нурато низ хуб роҳандозӣ гардидааст. Аҳолии маҳаллаи «Чуя» дар ҳудуди 1 гектар беш аз ҳазор бех ниҳол нишонда, «Боғи маҳалла»-ро бунёд карданд. Дар се гектар замини ҳудуди маҳаллаи «Истиқбол» ниҳолҳои мевадор ва ороишӣ шинониданд. Ин ниҳолҳо баъди нашъунамо ёфтан, дар баробари ба симои маҳалла ҳусн зам кардан, дар беҳгардонии ҳавои минтақа низ нақши муҳим мебозанд.

Татбиқи лоиҳаи «Макони сабз» дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Навоӣ идома дорад.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАВОӢ.

ҶОИЗАИ ГРАН-ПРИ БА «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

Дар шаҳри Чимкенти Қазоқистон анҷумани саҳнавии IX-уми байналхалқии халқҳои Осиёи Марказӣ ба поён расид. Театри мусиқӣ-драмавии Самарқанд бо намоиши спектакли «Лайлӣ ва Маҷнун» дар озмуни мазкур ширкат варзида, соҳиби ҷойи фахрӣ ва 3 миллион танга (6 ҳазор доллари ИМА) шуд.

Соли гузашта дар Озарбойҷон низ бо спектакли мазкур ҷоизадор гардида буд.

Баҳодури ЗОҲИР.
Вилояти САМАРҚАНД.

Муносибат

ДАР ҲОШИЯИ «СОЛИ 2025 — СОЛИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ИҚТИСОДИЁТИ «САБЗ»

Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомади навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис бо назардошти фикру мулоҳизаҳои мардуми кишвар ва дар асоси тавсияҳо соли 2025-умро дар мамлакат «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти »сабз» эълон кард.

На ҳама хуб дарк мекунанд, ки «иқтисодиёти сабз» чӣ маънӣ дораду онро ба муҳити зист чӣ иртиботе ҳаст? Ё худ энергетикаи «сабз» чист?

Иқтисодиёти «сабз» аз самтҳои муосири илми иқтисод буда, тайи ду даҳсолаи охир мавриди корбаст қарор гирифт ва вирди забони олимон, сиёсатмадорон, муҳаққиқон, мутахассисони соҳаҳои муҳити зист, кишоварзӣ, энергетика, иқтисод ва умуман мутахассисони соҳаҳои хоҷагии халқи кишварҳои ҷаҳон гардид. Иқтисодиёти «сабз» маънии ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардонидани шаклҳои мухталифи хоҷагидорӣ, коҳиш додани таъсироти манфӣ ба муҳити атроф ва солимии ҷомеа, истифодаи самараноке аз захираҳои табиӣ, истеҳсолу истифодаи маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза ва рӯй овардан ба манбаъҳои муқобили энергияро дорад. Ва бидуни шубҳа, мақсад аз иқтисодиёти «сабз» ҳифзи табиати сайёра, саломатии аҳолӣ ва ба насли оянда инсоният сабзу хуррам ба мерос гузоштани сайёраи Замин мебошад.

Ифлосшавии об ва ҳаво, эрозияи хок, биёбоншавӣ, истифодаи аз ҳад зиёди сӯзишвории истихроҷшаванда боиси гармшавии ҷаҳонӣ, афзоиши офатҳои табиӣ гардида, ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ зарар мерасонанд. Ба мушоҳида мерасад, ки бо вуҷуди ҳама комёбиҳои беназири илмиву техникӣ як қатор муаммоҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва экологӣ инсониятро ба ташвиш овардаанд. Олимон, мутахассисону сиёсатмадорон барои бартараф намудани ин мушкилоти ташвишовар ғояи рушду тараққиётро пешниҳод менамоянд, ки яке аз онҳо маҳз иқтисодиёти «сабз» аст.

Дар раванди он волоияти арзиши истеъмолӣ ва сифат дар мадди аввал қарор дорад, ки он ба истеъмолгари ниҳоӣ ва беҳдошти муҳити зист нигаронида шудааст. Тибқи консепсияи иқтисодиёти «сабз» дар табиат партов набояд бошад. Дар ин консепсия бештар ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, ба роҳ мондани истеҳсолоти саноати «сабз» ва энергияи барқароршаванда афзалият дода мешавад. Аз ин рӯ, бинобар он бояд ҷанбаи тағйироти иҷтимоию экологӣ ҳамбаста, миёни давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таҳаввулоти инноватсионӣ ҳамкории зич вуҷуд дошта бошад.

Татбиқ шудани иқтисодиёти «сабз» барои бартарафсозии камбизоатӣ ва бекорӣ имконияти хуб фароҳам меоварад. Чунки афзоиши сармояҳои табиӣ ба қишри камбизоати аҳолӣ манфиати бевосита меоварад. Тибқи хабари Созмони байналмилалии меҳнат тадбирҳои гузариш ба иқтисодиёти «сабз» ва дар ҳудуди 2 дараҷа нигоҳ доштани гармшавии глобалӣ имкон медиҳад, ки то соли 2030-юм 24 миллион ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шавад. Ҷойҳои нави корӣ дар натиҷаи дигаргунӣ дар бахши энергетика ба вуҷуд омада, зарурат ба кормандон дар соҳаҳои тозасозии ҳаво, об, замин ва ҳифз аз офатҳои дорои хусусияти табиӣ меафзоянд.

Тибқи гузориши Созмони ҷаҳонии метериологӣ зиёда аз 80 фоизи талафот аз оқибати офатҳои табиии сароса-ри ҷаҳон ба обу ҳаво, иқлим ва об: тӯфон, обхезӣ ва хушксолиҳо алоқаманд мебошанд. Тӯли 30 соли охир ин офатҳо 3 баробар афзудааст. Дар натиҷаи офатҳои табиии солҳои 90-уми асри XX зиёда аз 600 ҳазор нафар ҷон бохтаанд.

Омили дигаре, ки ба раванди тағйирёбии иқлим ва норасоии оби ошомиданӣ таъсири бевосита дорад, обшавии пиряхҳо ва коҳиш ёфтани майдони яхистонҳо мебошад. Олимон ду омили гармшавии ҳаворо эътироф кардаанд. Аввалӣ, зиёдшавии гази карбонат дар табиат аст, ки дар натиҷаи сол то сол зиёд сӯхтани газ, нафту ангишт ҳосил мешавад, дувумӣ, омилҳои маҳаллӣ мебошанд. Мисолан, аз соли 1912 то соли 2007 ҳаҷми пиряхҳои кӯҳи Килиманҷаро (Танзания) 85 фоиз кам шуда, чоряк ҳиссаи он ба давраи аз соли 2010 то ба ин ҷониб рост меояд. Сабаби бо суръат коҳиш ёфтани майдони пиряхҳои Килиманҷаро буридани ҷангалзор ба мақсади бунёди қаҳвазору бананзор аст. Дар натиҷаи буридани дарахтони сӯзанбарг намнокии ҳаво кам шуда, гармсел пиряхҳоро об кардааст.

Чунин ҳолатро дар баҳри Арал низ метавон мушоҳида кард. Солҳои ҳокимияти Шӯравӣ бо мақсади гирифтани ҳосили зиёди пахта заминҳои асрҳо бекорхобидаи Осиёи Марказӣ ба майдони кишти пахта табдил дода шуданд. Оби дарёҳои Аму ва Сир ба пахтазору шолизорҳо ҷорӣ шуда, то баҳри Арал намерасид. Дар натиҷа, 100 км масоҳати баҳри Арал ба биёбони гармои пур аз захрхимикат ва шӯразор табдил ёфт.

Дар Ӯзбекистон барои татбиқ кардани лоиҳаҳои иқтисодиёти «сабз» қадамҳои устувор гузошта шуданд. Бо ташаббуси Президент се сол муқаддам лоиҳаи «Макони сабз» роҳандозӣ гардид. Ин ташаббус дар кишвар бо рӯҳбаландии бузург татбиқ мешавад. Кабудизоргардонии соҳилҳои баҳри Арал ва бунёди Муйноқ намунаи барҷастаи ин ташаббус аст. Имрӯз дар сар то сари кишвари мо ниҳолшинонӣ дар авҷ аст.

Мегӯянд, ки барои ба «тараққиёти сабз» гузаштан бояд «иқтисодиёти сабз»-ро ҷорӣ намуд. Дар ин раванд низ қадамҳои устувор гузошта шудаанд. »Стратегияи гузариш ба иқтисодиёти «сабз» дар Ӯзбекистон соли 2019 қабул гардида буд. Бисёр корхонаву муассисаҳо ба истифода ва истеъмоли энергетикаи «сабз» гузаштаанд. Дар Бухоро, Чиззах, Самарқанд, Қашқадарё, Навоӣ ва Сурхондарё 9 неругоҳи калони офтобӣ ва бодӣ ба кор андохта шуд, ки иқтидори умумии онҳо 1,6 гегаватт мебошад. Дар вилоятҳои Андиҷон, Самарқанд, Сурхондарё ва Тошканд 6 неругоҳи хурду бузурги иқтидори умумиашон 183 мегаватт ба истифода дода шуданд. Дар натиҷаи ин имконият ба вуҷуд омад, ки ба таври илова 5 миллиард киловатт-соат қуввои барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва 1,5 миллиард мукааб метр газ сарфа шавад. Ба роҳ мондани истеҳсоли мошинҳои сабукрави баркӣ низ дар ин раванд иқдоми хубест.

Ҳамин тариқ, пешниҳоди Президент Шавкат Мирзиёев бинобар «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти »сабз» эълон кардани соли 2025 дар роҳи таъминсозии рушди устувор ва ҳифзи муҳити зист барои наслҳои оянда қадами муҳим мебошад. Он муносибати дастҷамъона, навоварӣ ва ҳамкории ҳамаи иштирокдорони ҷомеаро барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор тақозо менамояд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Нишасти матбуотӣ

ХИДМАТИ БОСИФАТ БА АҲОЛӢ

Бонки тиҷоративу саҳҳомии «Туронбанк» 34 сол инҷониб дар бозори молияи Ӯзбекистон бо 20 маркази хидматӣ ва зиёда аз 60 офиси худ дар саросари ҷумҳурӣ ба шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ хидмати босифат мерасонад.

Дар нишасти матбуотие, ки ходимони бонк дар маркази матбуоти миллӣ баргузор намуд, корҳои дар соли ҷорӣ амалишуда таҳлил гардиданд.

– То ҳолати 1 ноябри соли ҷорӣ ҷамъи сармояи бонк 1 триллиону 917 миллиард сӯмро ташкил намуд, – маълумот дод муовини раиси иҷроияи бонк Зоҳидҷон Обидов. – Аз аввали сол миқдори депозитҳое, ки ба он аз шахсони ҳуқуқиву ҷисмонӣ ҷалб шудааст, ба 5 триллиону 97 миллиард сӯм расид. Ин миқдор нисбати соли гузашта 9,4 фоиз зиёд мебошад.

Аз маълумотҳо бармеояд, ки давоми соли 2024 аз ҷониби бонк ба 543 нафар шахсони ҷисмонӣ барои кредити ипотекӣ, ба 8 ҳазору 515 нафар барои бо ҷойи кор бандшавӣ, ба 2780 нафар микроқарз, ба 510 нафар барои кредити автомобил, ба 2141 донишҷӯй барои пардохти таълим ва ба 5658 нафар аз тариқи онлайн ҷамъ ба миқдори 476,6 миллиард сӯм маблағ ҷудо кардаанд.

Инчунин амонатҳои «Премиум», «Келажак пойдевори», «Устувор», «Имконият плюс», «Максимум онлайн» дар хидмати мизоҷон мебошанд. То ҳолати 1 ноябр боқимондаи амонати шахсони ҷисмонӣ 1 триллиону 577 миллиард сӯмро ташкил карда, он нисбати соли гузашта 26 фоиз афзудааст.

Имрӯзҳо аз ҷониби «Туронбанк» дар ҷумҳурӣ барои нақд кардани пули кортҳои пластикӣ 143 банкомат дар самти «UzCard», 133-то «Humo» ва 62-тоаш барои ивазкунии пули хориҷӣ гузошта шудааст.

Бонки мазкур ба мизоҷоне, ки ба хонаву ҷой эҳтиёҷ доранд, кредити ипотекӣ тақдим менамояд. Мувофиқи он барои шахсоне, ки аз бозори «аввал» ва ё «дуюмӣ» хона харидани бошанд, ба муддати аз 10 то 20 сол (фоизи солонааш 17,5) ба миқдори 420 миллион сӯм кредити ипотека ҷудо мекунад.

Г. КАБИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

ОЁ АЗ БОҒҲОИ МАКТАБ ДАРОМАД БА ДАСТ МЕОЯД?

Лоиҳаи «Макони сабз», ки бо ташаббуси сарвари давлатамон ҷорӣ гардид, нафақат корҳои кабудизоркуниро ба зинаи нав бардошт, инчунин имконияти расонда додани меваи гуногунро васеъ гардонд. Дар мактаби рақами 33-юми ноҳияи Фарғона мо бо чунин манзара рӯ ба рӯ шудем.

— Се сол пеш аз ин, дар доираи лоиҳаи »Макони сабз» дар ҳудуди 70 сотих замини мактабамон боғи себи интенсивӣ ташкил намудем, — гуфт директори мактаб Маҳбуба Мансурова, – бо мутахассисони соҳаи богпарварӣ машварат намуда, 1250 бех ниҳоли себи ба замин ва иқлими мо тобоварро шинондем. Ба туфайли чашми кордонии боғбонамон Абдусолӣ ҳамаи ниҳолҳои мо зиёдтар аз чашмдошт – беш аз 5 тонна ҳосил дод. Серҳосил будани лиму дар гармхонаи мактаб низ ба мо хурсандӣ бахшид.

Роҳбари мактаб таъкид намуд, даромаде, ки аз себ ва лиму гирифта мешавад, барои рағбатноксозии муаллимони пешқадам ва хонандагони фаъол ва аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ намудани фарзандони оилаҳои камбизоат сарф карда мешавад. Албатта, чунин ҷараён ҷиҳати беҳбудии сифати таълим мусоидат менамояд.



Дар сурат: *дар боғи интенсиви мактаби рақами 33-юми ноҳияи Фарғона.*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).

ӮзА.

Тавре ки хидмати ахбори садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Бухоро маълум кардааст, ҳоло 548 мактаби таълими умумӣ, 488 муассисаи таълими томактабии давлатӣ фаъолият дорад. Пӯшида нест, ки самаранокӣ ва сифати таълиму тарбия пеш аз ҳама ба шароити фароҳамовардашуда вобаста аст. Аз ин рӯ, мустаҳкам намудани пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, беҳтар гардондани инфрасохтори онҳо эътибори пайгиронаро талаб мекунад.

МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ БА ЗИМИСТОНГУЗАРОНӢ ТАЙЁРАНД

Имсол дар асоси барномаи сармоягузорӣ дар вилоят дар 38 мактаби таълими умумӣ, 1 мактаб-интернати ихтисосонидашуда ва 10 ташкилоти таълими томактабӣ ҷараёни корҳои бинокорию таъмир ба амал омад. Баробари ин 2 муассисаи таълимии нав сохта шуда, дар 42-тоаш ҷараёни таҷдидёбӣ ва дар 5-тоаш таъмири асосӣ сурат гирифт. Дар натиҷа соли хониши ҷорӣ барои 13794 нафар талаба биноҳои нави таълимӣ, барои 1170 нафар тарбиягиранда биноҳои муассисаи таълими томактабӣ, инчунин 8 толори варзишӣ, хобгоҳ барои 222 нафар ба истифода супорида шудааст. Ба масъалаи омодагӣ ба мавсими тирамоҳию зимистонии муассисаҳои таълимӣ низ эътибори ҷудогона зоҳир гаштааст. Ба ин мақсад дар ҳамаи таълимгоҳҳо чараёнҳои таъмири деворҳои берун, ҷиҳозонидани синфҳо, толори варзишӣ ва ошхонаҳоро омода кардан, иваз намудани шишаҳои тиреза ба қоидаҳои санитарию гигиенӣ мувофиқ сохтани ҳоҷатхонаҳо, таъмири бомҳо, ба мавсим тайёр кардани низоми гармкунӣ ва ғайра марҳила ба марҳила иҷро гардиданд.

Бо мақсади ба амал татбиқ намудани ин ҷараёнҳо мувофиқи ҳаҷми корҳо ва талаб ба масолеҳи бинокорӣ дар асоси талаби шуъбаҳои таълими томактабию мактабии шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 4,4 миллиард сӯм маблағ ҷудо гардид. Дар айни замон 32 мактаб ба низоми марказонидашудаи гармидиҳӣ, 6-тоаш ба хати барқ, 136-тоаш ба гази табиӣ, 359-тоаш бо ангишт, аз муассисаҳои таълими томактабӣ 36-тоаш ба низоми гармкунии марказӣ, 5-тоаш ба энергияи электр, 168-тоаш ба гази табиӣ, 279-тоаш ба воситаи ангишт тафсонида мешавад.

Бо мақсади табъи дил гузаронидани мавсим ба муассисаҳои таълими томактабии дахлдор 13769 тонна ангишт дастрас гардид. 231 деги гармкунии ношоями муассисаҳои таълимӣ бо наваш иваз карда шуданд ва бо ин мақсад 4,5 миллиард сӯм маблағи буҷаи маҳаллӣ харҷ гардид.

Ҳамин тариқ, ба 9 мактаби таълими умумӣ, ки дар «Буҷаи ташаббуснок» дар мавсими аввали соли ҷорӣ ғолиб баромадаанд, барои мавсими тирамоҳу зимистон ҷамъ 11,8 миллиард сӯм маблағ ҷудо гардида, ҷараёни таъмир сурат гирифтааст. Бо мақсади беталаф гузаронидани мавсим ва афзун гардондани самаранокии энергия то ҳол 248 сархонаи газ бо сарфакунандааш иваз карда шуда бошад, соли равон дар дегҳои боқимондаи гармкунӣ 696-то ба тарзи илова сархонаҳои сарфакунӣ гузошта шудааст. 1025 генератори мактабу боғчаҳои вилоят пурра ба кор омода гардиданд.

Бо мақсади сарфаи барқ ва бо энергияи муқобили барқ таъмин кардани боғчаҳо ба 632 муассиса панелҳои офтобӣ гузошта шудааст. Ҳамин тариқ, дар 835 муассисаи таълимӣ геоколлекторҳои обгармкунии офтобӣ (дорои 103950 литр ҳаҷм) шинонда шудааст.

Ба тамоми дарҳои муассисаҳои таълимӣ гузоштани пружинаҳои оҳанин, иҳота кардани тиреза ҳо бо пардаҳои полиэтиленӣ ба назорат гирифта шудааст. Дар назди садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят гурӯҳи корӣ созмон ёфта, он бо вазъи корҳо вобаста ба тайёрӣ ба мавсими зимистонгузаронии муассисаҳои таълимӣ шинос шуда, баҳри бартарафкунии камбудиҳо кумак мерасонад. Дар назди шуъбаҳои шаҳрию ноҳиявии таълими томактабӣ ва мактабӣ штабҳои махсус ба кор оғоз кардаанд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

СОХТОРИ ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ ҲАРБӢ ТАКМИЛ ЁФТ

Артиши миллии мо ба ҷузъи ҷудонопазири ҷамъият, неруи пешбари кишвар табдил ёфта, барои дар руҳи ватандӯстӣ тарбия намудани насли наврас ва хидматчиёни ҳарбӣ, мустаҳкамсозии мавқеи фаъоли онҳо, баланд бардоштани ҳисси масъулиятнокии шаҳрвандон хидмат мекунад. Ҳифзи Ватан новобаста ба синну сол, касб ва фаъолият вазифаи шарафноки ҳар як шаҳрванд мебошад.

Чунин андешаҳо дар рафти нишасти матбуотие, ки дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ бо ташаббуси Гвардияи миллӣ баргузор гардид, гуфта шуд.

Зикр гашт, ки ҳоло дар мамлакатамон бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи системаи таълим ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар низоми таълими олӣ ва марказҳои таълимии ҳарбӣ дигаргуниҳои назаррас ба амал меоянд. Инчунин низоми омодасозии кадрҳо барои Гвардияи миллӣ куллан ислоҳ гардида, ба тарбияи кадрҳои баландихтисос таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад.

Роҳбари садорати корҳои тарбиявӣ ва мафкуравӣ, полковник Зафар Алимов таъкид кард, ки бо қарори роҳбари давлат аз 15 апрели соли 2021 «Дар бораи чораҳои такмили минбаъдаи низоми омодасозии кадрҳои касбӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ҷамъиятӣ» Донишгоҳи бехатарии ҷамъиятӣ таъсис ёфта, ҳоло дар он факултети такмили ихтисос фаъолият дорад. Хидматчиёни ҳарбӣ ва кормандони соҳа дар се сол як маротиба дар курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси факултет аз рӯйи 10 соҳа сабақ мегиранд. Дар ин ҷо раванди таълиму тарбияи афсарони оянда ба талаботи замони ҳозира комилан ҷавоб дода, дар асоси таълимӣ-техникӣ ва маънавию ахлоқӣ ба роҳ монда шудааст.

– Дар ҳафт соли охир ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳофизони Ватан пурзӯр шуда, бисёр оилаҳо бо манзили зист таъмин гардиданд, фарзандони хидматчиёни ҳарбӣ ба муассисаҳои таълими олӣ дар асоси имтиёз дохил шуданд, – гуфт роҳбари садорати шуъбаи кадрҳо полковник Аббос Муродуллоев. – Хусусан, дар маҳаллаву ноҳия, шаҳру вилоят чорабиниҳо баргузор гардида, ба ҷамъомадҳои таълимии «Мактаби темурбекҳо» бештар аз 3 ҳазор нафар ҷавонон даъват шуданд. Имрӯзҳо ҳарбиёни мо дар амал исбот мекунанд, ки аз ҷиҳати омодагии касбӣ аз ҳарбиёни артиши мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон кам нестанд. Онҳо чун давомдиҳандагони арзандаи ниёгони бузург, маҳорат, неруи маънавӣ, азму иродаи худро нишон медиҳанд.

Таъкид гардид, сохтори омода кардани кадрҳои ҳарбӣ – воситаи асосии тайёр кардани мутахассисон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ба шумор меравад. Сохтор алҳол дар масъалаҳои омӯзонидани хидматчиёни ҳарбӣ, такмили ихтисос ва аз нав тайёр кардани онҳо, омодасозии кадрҳои педагогӣ ва илмӣ аҳамияти муҳим дорад.

Кормандони соҳа оид ба дигаргунӣ ва навигариҳо дар қабули довталабон ба муассисаҳои таълими олии ҳарбӣ маълумот доданд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Бо ташаббуси факултаи филологияи рус ва қазоқ дар Донишгоҳи давлатии Навоӣ бахшида ба 225 солагии адиби бузурги рус Пушкин анҷумани байналмилалии илмию амалӣ баргузор гардид.

АНҶУМАНИ ИЛМӢ-АМАЛӢ

Дар анҷуман намояндагони донишгоҳҳои кишвар, муҳаққиқон, ҳамчунин олимон аз донишгоҳҳои Туркия, Ҳиндустон, Русия, ИМА, Белорус, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон тариқи онлайн ва офлайн иштирок намуданд.

Дар анҷуман доири «Мушкилоти муҳими омӯзиши фанҳои филологӣ: инноватсия ва пешомадҳо» маърӯзаҳо шунида, ҳалли мушкилоти соҳаи таълими фанҳои филологӣ таҳлил ва баррасӣ гардид.

Дар поёни анҷуман аз ҷониби донишҷӯёни факулта аз осори А. С. Пушкин саҳначаҳо гузошта шуда, аз шеърҳои шоир қироат намуданд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

НАТИҶАИ КОР МУҲИМ АСТ

Дар чаҳорчӯби лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар тамоми гӯшаву канори шаҳру навоҳии вилояти Қашқадарё шинонидани ниҳоли дарахтони манзаравию борвар ва буттаҳои гуногуне, ки заминҳоро аз чанги биёбоншавӣ наҷот медиҳанд, бо суръати ҳарчӣ бештаре идома мекунад.

Дар ин кори хайр кормандони ҳамаи муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ, коргоҳҳои хусусӣ, ҷамоаҳои шаҳрвандӣ ва хоҷагиҳои фермерии минтақа якдилона ҳиссаи худро мегузоранд ва саъй доранд, ки то фаро расидани рӯзҳои шадидан сарди фасли зимистон дар татбиқи бахшҳои алоҳидаи тарҳ мусоидат намоянд. Бояд таъкид кард, ки ба фарқ аз солҳои пешин тирамоҳи соли ҷорӣ дар қаламрави вилояти Қашқадарё «Боғҳои ҷавонон» таъсис дода шудаву неруи ҷавонон барои обод сохтани он сафарбар гардиданд. Ҷавонон ин гӯшаҳоро аз таҳти дил ба як макони сабзу хуррам мубаддал месозанд. Ҳамчунин ба як гурӯҳи хоҳишманди ҷавонон ҷиҳатҳои алоҳидае низ дода шуданд, ки онҳо ба ҷуз кишти маҳсулоти гуногун дар ҳошияи он заминҳо ниҳолҳои мухталиф шинонданд. Ин тадобир ба он боис мегардад, ки Ватани мо қиёфаи дигаре касб кунад ва ба як кишвари сабзу хуррам мубаддал шавад. Лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар ҳоле татбиқ мегардад, ки иқлим дар рӯйи Замин тағйир ёфта, ба аҳолии маскуни он мушкилоти гуногуни муҳитизистӣ пеш меорад. Гармоҳои шадиду сармоҳои мислаш дар гузашта дучорнашаванда падид меоянд, ки ҳодисоти табиии аномалӣ ба ҳисоб мераванд ва ин ҳаводис зиндагиро барои инсоният душвортар месозанд. Назар ба гуфтаи мутахассисон, аз биёбоншавӣ нигаҳ доштани заминҳо ва ба мазраҳои сабз мубаддал сохтани онҳо яке аз роҳи муассири ҳалли мушкили муҳитизистӣ ва хоса, таъмини бехатарии ғизо дар бозорҳои дохилӣ ба шумор меравад. Гирифтани пеши роҳи дефитсити ҳар гуна ғизоҳои барои зиндагии рӯзмарраи аҳолӣ хеле зарур ва бисёр муфид маҳз дар татбиқи бахшҳои лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» бастагӣ доранд. Ин аст, ки тарҳи мазкур аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ роҳандозӣ гашта ва пайгирона назорат мешавад.

– Роҳи наҷот аз таҳдидҳои ногузири экологӣ маҳз дар татбиқ гардидани ин лоиҳа вобаста буда, мардуми мо ин нуктаро хеле хуб дарк мекунанд, – гуфт корманди Саридораи ҳифзи муҳити зист ва тағйири иқлим Элёр Зиёдов.

Назар ба маълумоти Саридораи ҳифзи муҳити зист ва тағйири иқлими вилоят дар шаҳру навоҳии ин минтақа танҳо дар мавсими тирамоҳии татбиқи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» бояд 6 млн. 540 ҳазор бех ниҳоли дарахтони манзаравӣ ва боровару буттаҳо шинонида шаванд. Аммо ин дар ҳолест, ки то 19 ноябри соли ҷорӣ дар саросари вилоят 400 ҳазор бех ниҳол шинонида шудаву халос. Барои сад дар сад иҷро намудани нақшаи мазкур аҳолии вилоятро зарур аст, ки то интиҳои соли равон боз 6 млн. 140 ҳазор бех ниҳолу буттаҳо шинонанд.

Бояд гуфт, ки шабакаи расмии телеграми ҳокимияти вилоят 16-уми ноябри соли равон дар такя да гуфтаи ҳокими вилоят маълумоти наверо ба нашр расонидааст. Ҳангоми омӯзиши ҷараёни корҳо дар роҳи татбиқ намудани лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» ҳокими вилоят гуфтааст, шумори ниҳолҳое, ки дар фасли тирамоҳи соли равон дар қаламрав шинонида хоҳанд шуд, 10 млн. 500 ҳазор бехро ташкил медиҳанд.

– Ин як кори бузургу бошарафест, ки дар сурати софдилона иҷро гардидан вилоятро ба як мавзеи саросар сабзу хуррам мубаддал хоҳад кард, – таъкид кардааст ҳоким.

Ёдовар мешавем, ки дар мавсими баҳории татбиқи лоиҳа 10 млн. 174 ҳазор бех шинонидани ниҳолҳо дар нақша буд ва дар амал 11 млн. 124 ҳазор ниҳоли дарахтони гуногун шинонида шуданд, ки ҳаҷми корҳои умумии дар ин самт иҷрогардида ба 109,3 фоиз баробар шуда буд. Корҳои иҷрошуда ба платформаи электронии «Yashilmakon.eco» ворид гаштанд ва зери назорати қатъӣ қарор доранд.

Солҳои қаблӣ дар натиҷаи беназорат мондан як бахши аъзами ниҳолҳои шинонидашуда хушк шуданд, ки аз ҷониби мутахассисон шадидан танқид гашт ва гуфта шуд, ки хидматҳо набояд барабас раванд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Қашқадарё.

ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚИ ДУ САРЗАМИН

Амиралӣ Саидбеков зодаи деҳаи Қалъаи ноҳияи Сӯх мебошад. Аммо аз ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон ба ҷанги зидди фашизм сафарбар гардидааст ва ба унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ сарфароз шудааст. Нигорандаи ин сатрҳоро ҳамеша посухи як суол ором намегузошт: Чаро Амиралӣ Саидбеков на аз деҳаи Қалъаи ноҳияи Сӯх, балки маҳз аз ноҳияи Ховалинг озими майдони ҷанг шудааст?

Сафари мо ба ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлони Тоҷикистон дар пайи боздидҳоямон аз чанд минтақаи Кӯлоб ба вуқӯъ пайваст. Марказии ноҳия аз шаҳри Кӯлоб тахминан дар масофаи 70 километр воқеъ гаштааст. Ноҳияи Ховалинг 23 ноябри соли 1930 ташкил ёфтааст ва соли 1958, дар натиҷаи муҳоҷир намудани аҳолии ноҳия ба дигар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, барҳам хӯрдааст. Баъд 26 апрели соли 1983 аз нав таъсис ёфта, дар айни ҳол ба яке аз ноҳияҳои зебову хуррам ва зиндагии мардумаш хубу фаровони вилояти Хатлон мубаддал гардидааст.

Моро мудири Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии ноҳияи Ховалинг Амирхон Саидзода Мункӣ истиқбол гирифт. Вай марде буд фурӯтану хушхақчақ ва дар айни замон, хеле заковатманду доно, инчунин соҳиби чандин китоби таърихиву публитсистӣ муаррифӣ гардид. Бо акаи Амирхон суҳбатамон дар даромадгоҳи осорхона сурат гирифт, ки ашёи гуногуни он таъриху фарҳанги ин гӯшаи вилояти Хатлонро дар худ бозтоб медод.

– Нимаи солҳои сиюми қарни гузашта Бобоҷон Саидбеков, – зодаи деҳаи Қалъаи ноҳияи Сӯх барои кор ба шуъбаи маорифи ноҳияи Ховалинг меояд. Дар он солҳо саводнок кардани мардуми кӯҳистони дурдаст масъалаи муҳим маҳсуб ёфта, ин кор сафарбар шудани одамони саводноку фидокорро тақозо мекард. Сабаби ба ин минтақа муҳоҷират кардани Бобо Саидбекови сӯхӣ бо иқдоми мудири маорифи вақти ноҳияи Ховалинг Ҳамроев сурат гирифтааст. Барои ҳамин Бобоҷон Саидбеков солҳои дароз дар ноҳияи Ховалинг ба ҳайси инспектори маориф адои вазифа намудааст ва дар ҳамин ҷо бо духтари усто Қодир ном марди Сафедшаҳрак издивоҷ кардааст, – гуфт Амирхон Саидзода Мункӣ.

Дарҳақиқат, ноҳияи Ховалинг мисли ноҳияи Сӯх табиати хушу гуворо дошта, дар бағали дараву теппаҳо воқеъ гаштааст. Ба гуфтаи Амир Саидзода Ховалинг як гӯшаи шаҳри Мунки бостонӣ аст ва он дар бисёре аз сарчашмаҳои таърихӣ низ зикр шудааст.

– Бо чанд ҷумла этимологияи ин калимаро бароятон ташреҳ мекунам. Он аз шакли «хваралунка»-и забони порсии қадим ва миёна пайдо шудааст, ки маънои рӯшной, диёри офтобӣ, теппа, заминро медиҳад. Дар ҳудуди ноҳия чанд мавзеъ кашф шудааст, ки аз таърихи қадима доштани Ховалинг шаҳодат медиҳад. Ба таври хулоса мешавад гуфт, ки Ховалинг умри қариб ҳазорсола дошта, яке аз куҳантарин мавзеъ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, – иброз дошт Амирхон Саидзода.

Баъд ба нақли он шурӯъ кард, ки чӣ тавр Амиралӣ Саидбеков ба ин ноҳия омадааст ва машғули чӣ корҳо шудааст. Ба гуфтаи Амир Саидзода Мункӣ дар нимаи дуюми солҳои 30-юм Амиралӣ Саидбеков аз Сӯх ба назди бародараш – Бобоҷон Саидбеков ба Ховалинг меояд. Аз ташрифи ӯ бародарбузургаш хеле шоду хурсанд мешавад ва мусоидат мекунад, ки курси муаллимтайёркуниро хатм кунад ва дар мактаб ба шогирдон сабақ диҳад.



– Аввал дар мактаби деҳаи Даробӣ машғули омӯзгорӣ мешавад. Бино ба нақли калонсолон, Амиралӣ ҳамчун ҷавони зебо, чусту чолок ва дар айни замон байни мардум чун шахси меҳрубону инсондӯст ва боғайрат шуҳрат пайдо мекунад. Баъд барои кор ба мактаби деҳаи Шехмизон мегузарад, ки ҳоло номи Амиралӣ Саидбековро гирифтааст, – изҳор намуд Амирхон.

Дар бораи Амиралӣ Саидбеков ҳамсуҳбати мо бо ҳарорат ва муҳаббати хос ҳарф мезад. Ба гуфтаи ӯ, ҷангномаи ӯро тамоми мардуми Ховалинг азёд медонанд ва номи некашро ҳамеша гиромӣ медоранд. Баъд Амирхон чанд лаҳза ба фикр фурӯ рафт ва дар бораи хидмати аскарӣ ва корномаҳои ҷангии Саидбеков чунин нақл намуд: «Соли 1939 Амиралии ҷавон ба хидмати аскарӣ сафарбар мешавад. Дере нагузашта ӯро барои аз худ намудани дониши низомӣ ба мактаби афсарони хурд ба мактаби махсуси афсарони шаҳри Сталинград мефиристанд. Баъди хатми ин мактаб чун лейтенанти хурд фармондеҳи рота таъин мешавад. Солҳои 1939-1940 бо ин рота дар ҷанги зидди Финландия ширкат карда, ҷасорату мардонагиҳои зиёд нишон медиҳад. Ҳанӯз муддати хидмати ӯ ба охир нарасида фашизми Олмон ба хоки Иттиҳоди Шуравӣ ҳамла мекунад. Амиралӣ аз рӯзҳои аввали ҷанг дар фронтҳои гуногун алайҳи душман меҷангад. Баъд вай командири полки 325-уми дивизияи гвардияи 129-уми тирандоз тайин мешавад. Ротаи лейтенанти калони гвардия Амиралӣ Саидбеков 23 декабри соли 1944 дар деҳаи Себранетси Чехословакия дар муборизаи сахту шадид бо фашистон 50 аскару афсари немисро кушта, чор нафарро ба асорат мегирад ва чанд ғанимати дигар ба даст меорад.

Кору пайкори ҷанг акнун дар минтақаҳое идома дошт, ки ҷанговарони шуҷоъ хоки муқаддаси Ватанро аз қадами шуми фашистон озод намуда, баҳри озодии якчанд давлати Аврупо аз юғи фашизм мубориза мебурданд. Амиралӣ Саидбеков бо ҷанговарони худ дар озод намудани як қатор шаҳру деҳоти Полша ва Чехословакия ҷонбозиҳо нишон дод.

8 марти соли 1945 дар деҳаи Драгомисли Чехословакия муҳорибаи шадид ба вуқӯъ пайваст. Душман дар биноҳои сангин мавқеъ гирифта, беадад ба тарафи аскарони сурх аз миномёту пулемёт ва тӯп оташ мекушод. Аммо онҳо дар паси биноҳои деворҳояшон сангин аз ҳамлаҳои рӯ ба рӯ эмин мемонданд. Аз байн бурдани ин нуқтаҳои оташфишонии душман ба дӯши ҷанговарони Саидбеков афтод. Дар натиҷаи моҳирона анҷом додани амалиёти ҷангӣ онҳо ноил гардиданд, ки ба мавқеи душман зарбаи беамон зананд ва ҳамаи нуқтаҳои оташфишонии душманро таҳти муҳосираи худ қарор диҳанд. Барои ин корнамоиҳо Саидбеков ва чанд ҳамяроқи ӯ бо ордену медалҳои зиёди ҷангӣ сарфароз гардиданд. Полке, ки Саидбеков сарварӣ мекард, барои озодкунии минтақаҳои аҳолинишини Рогув ва Домрови Полша бо шуҷоат пеш мерафт. Дар яке аз муқовиматҳои шадид бо душман вай сахт яралор шуд. Аммо то интиқол додан ба госпитал Саидбеков ба ҳалокат расид. Вай дар шаҳри Рибники Полша дафн шудааст. 29 июни соли 1945 Амиралӣ Саидбеков бо унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ мушарраф гардидааст. Дар фармони Президиуми Шӯрои Олии ИҶШС омадааст: «Лейтенанти калон Амиралӣ Саидбеков барои мардонагӣ ва қаҳрамонӣ, иҷрои намунавии супоришҳои ҷангии фармондеҳон ва муборизаи шадид бо истилогарони фашист дар фронт ба ин унвон сазовор дониста шуд».

Амирхон баъди нақли шуҷоату қаҳрамониҳои Саидбеков гуфт, ки соли 2021 китоберо таҳти унвони «Садоқатмандон» дар шаҳри Душанбе ба табъ расонид. Дар байни авлодони босадоқати Ховалинг чанд сафҳаи китоби ӯ маҳз ба Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Амиралӣ Саидбеков бахшида шудааст.

– Мо аз тариқи оилаи Саидбековҳо бо мардуми Сӯх қаробати хешутаборӣ дорем. Устод Бобоҷон Саидбеков баъди бозгашт ба Сӯх ва муқими он ҷо шудан ҳар сол як бор бо аъзои оилааш ба Ховалинг меомад ва меҳмони хоначаҳои зиёди он мешуд. Вай хоки ин диёрро ба чашмон мемолид ва қадр менамуд. Вақте ки сухан дар ҳаққи бародари қаҳрамонаш равад, аз чашмонаш ашк мешорид ва бо азобе худро ба даст мегирифт ва ёдашро гиромӣ медошт, – мегӯяд Амирхон Мункӣ.

Ба гуфтаи ӯ соли 1990 як гурӯҳ вакилони Ховалинг дар маросими 70-солагии зодрӯзи Амиралӣ Саидбеков, ки дар мактаби ба номи ӯ баргузор шудааст, ширкат кардаанд. Сокини деҳаи Даробӣ Амиралӣ Каримов аз зумраи ҳамон ховалингиёнест, ки ба ин маросим даъват шудааст.

– Амиралӣ Каримов маҳз бо нишондоди устодаш Амиралӣ Саидбеков касби омӯзгориро пеша кардааст ва мисли ӯ солҳои дароз ба наслҳои наврас таълиму тарбия додааст, – ёдовар шуд дар поёни суҳбат Амирхон.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

КӮЛОБ – ХОВАЛИНГ – ТОШКАНД.

Барномаи рушди таълим – дар амал

ШАҲНОЗА, КИ НОМУ КОРАШ ШУДААСТ ОВОЗА...

Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ,
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон,
Бигардонад ӯро чу хоҳад чунон.
Абушакури БАЛХӢ.

Ӯ дар мактаби рақами 12-уми (собиқ мактаби рақами 95) деҳаи Хаймар таҳсил мегирифту баъди дарс рост ба кӯдакистони сари роҳ, ки модараш Ҳамида Зокирова мудир буд, омада ба ҳалқаи тифлакони шӯху бекарор пайваста, гоҳо ҳатто чун мураббӣ амру фармоиш медод.

– Ҳамидаойтӣ, – мегуфтанд мураббиён, – ин духтаратон касби шуморо мегирад.

– Дар урфият «ба ҷои асп той» гуфтагӣ гапҳо ҳаст, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд дигаре, – охир таги дарахти себ – себ меафтад-дия, дугонаҷон.

Дарҳақиқат, Шаҳноза Шодиева пас аз гирифтани номаи камол аввал дар омӯзишгоҳи томактабӣ, сипас дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд таҳсил гирифта, соҳиби дипломи имтиёзнок гардид ва фаъолияти меҳнатиро ба ҳайси мураббӣ дар кӯдакистони зодгоҳ оғоз намуд. Дар тӯли беш аз 10 сол аз устодони соҳибтаҷриба, хосатан модари меҳрубону дилсӯзаш бисёр чизҳоро омӯхт. Албатта, суҳбат ва дастуру тавсияҳои мутахассисони соҳа, бозомӯзӣ, навоварӣ, қолабшиканӣ, эътимод ба касб, меҳру муҳаббат ба тифлакон самараи нек дод. Вай ҳатто дар озмунҳои ноҳиявӣ ва вилоятии «Мураббияи сол» ширкат варзида, бахту иқболи пирӯзӣ насибаш гашт.

Соли 2018 нобаҳангом мудири таълими халқи ноҳия Баҳриддин Мардонов назди худ хонд ва гуфт, ки аз комёбиҳои ӯ хабардор аст.

– Шаф-шаф нею шафтолуи гап ҳамин, ки бо тавсияи мутахассисон ва розигии ҳокими ноҳия Шуҳрат Ҷамолов шуморо мудири кӯдакистони рақами 23-юми воқеъ дар маҳаллаи Чунгул таъин мекунем,– ба мақсад гузашт мудир. – Медонем, огоҳ ҳастем, ки ному коратон шудааст овоза...

– Баҳриддин Ҳабибович, якбора чунин вазифаи пурмасъулиятро ба зиммаи ман гузоштед, – дар тааҷҷуб афтод Шаҳноза. – Магар дар ҷойи нав, аз ӯҳдаи вазифаи нав мебароям?

– Шояд барои дигарон душвор, – завқ карда хандид мудир, – аммо барои шумо кор осон хоҳад шуд. Аввало, модаратон маслиҳатгар, шумори маҳалла, вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ ҷамъ омада, ҳозирон ба мудири ташаббускору ғайратманд аҳсант гуфтанд.

Чанде пеш мо бо тавсияи мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия Баҳриддин Мардонов ба ин кӯдакистон омадем. Гарчанде ҳоло хазонрез аст, вале дар ҳудуди ин муассисаи томактабӣ гулҳои ранг ба ранг шукуфта, бӯйи хуши онҳо ба машом мерасанд. Тозаву озодагӣ низ ҷолиби диққат аст.



Ачибаш он, ки волидайн тифлакони худро назди дарвоза оварда хайру хуш мекунанд ва онҳо бо табъи болида, сӯйи гурӯҳҳои хеш тозон-тозон мераванд.

Афсӯс, дар баъзе кӯдакистонҳо манзара тамоман дигар аст.

Долону хонаҳои васеъ, равшан, хушҳаво бо дид ороиш ёфта, расму ҳайкалчаҳои қаҳрамонҳои афсонаҳои халҳҳои ҷаҳон низ пурҷозиба мебошанд.

– Самараи меҳнати софдилонаю сонӣ мо тамошобин нестем. Барои ҳалли муаммоҳо кумак мерасонем.

Воқеан, таъмиру тармим, азнавсозии бинои кӯдакистон қариб ду моҳ тӯл кашид. Ҳомиёни хайрандеша ва аз ҳама бештар ҳамсари ӯ Зафар Қуддусов, ки худ соҳибкор ва шахси савобталабу бомаърифати ҷомеа мебошад, ин тасмими ҳамсарашро ҷонибдорӣ намуда, шароити мусоид ба бунёдкорӣ фароҳам оварданд, ки кӯдакистон бо роҳи ҳашар ба кошонаи хушсохти замонавии тифлакон табдил ёфт.

Ба муносибати ба истифодабарӣ супоридани муассисаи навбунёди муҳташам барои насли наврас чорабинии бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст. Собиқ ҳокими ноҳия, мардуми бекистон омадем. Гарчанде ҳоло хазонрез аст, вале дар ҳудуди ин муассисаи томактабӣ гулҳои ранг ба ранг шукуфта, бӯйи хуши онҳо ба машом мерасанд. Тозаву озодагӣ низ ҷолиби диққат аст.

Ачибаш он, ки волидайн тифлакони худро назди дарвоза оварда хайру хуш мекунанд ва онҳо бо табъи болида, сӯйи гурӯҳҳои хеш тозон-тозон мераванд.

Афсӯс, дар баъзе кӯдакистонҳо манзара тамоман дигар аст.

Долону хонаҳои васеъ, равшан, хушҳаво бо дид ороиш ёфта, расму ҳайкалчаҳои қаҳрамонҳои афсонаҳои халҳҳои ҷаҳон низ пурҷозиба мебошанд.

– Самараи меҳнати софдилонаю бо мураббиён ва хосатан бо дастпарварон гӯё дар як оила зиндагӣ мекунем.

Ногуфта намонад, ки дар робита бо наврасон ҳамқадами замон бошем ва мо, мураббияҳоро лозим аст, ки пеш аз ҳама ба рушди зеҳнии кӯдак таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоем, ҳамаи пешрафту навгониҳоро ба ақлу зеҳни онҳо бирасонем, роҳу усулҳои нави тарбияро пайдо кунем, ки дар Ӯзбекистони Нав ҳамнафаси замон бошанд.

Воқеан, Шаҳноза Шодиева бар ин назар аст, ки асоси тарбияи кӯдак аввал дар оила ва сипас дар муассисаҳои томактабию таълимӣ гузошта мешавад. Аз ҳамин сабаб бештари масъулият дар зиммаи мураббиён аст.

– Мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки мураббиён донишу маърифати баланди муносибат бо кӯдак дошта, муҳимтар аз ҳама онҳоро мисли фарзанди худ дӯст доранд. Зеро қалби поку беолоиш ва кӯчаку пурэҳсоси тифл неку бадро фарқ карда метавонанд.

Ҳоло дар панҷ гурӯҳ 140 нафар фарзандони маҳаллаи Чунгул ва дигар гузарҳои гирду атроф ба камол расида, мураббиёни соҳибтаҷриба чун Нигина Исломова, Саида Усмонова, Мунаввара Розиқова, Гулрух Шодиева, Шоҳсанам Бердиева дар атрофи онҳо парвонаанд. Агар ошпаз Азиза Қодирова бо таомҳои сергизо, хуштамъ ғизои озуқавӣ диҳад, санъаткор Фарангис Шарифова онҳоро бо олами мусиқӣ шинос менамояд.

– Табиб Дилрабо Метинова посбони саломатӣ аст. Ҷонишини мудир оид ба корҳои хоҷагӣ Дилором Давронова дар таъминот бо маводи озуқа ва асбобҳои аёнӣ ҷавобгар мебошад, – хулоса намуд мудир,– мақсад дар ҳама соҳа комёбиҳои назаррасро ба даст овардан аст.

– Шаҳнозабону, ҳамааш аҷоиб, лекин таваҷҷубу мо аз он аст, ки қариб ҳама – аз посбон то мудир ва алалхусус, мураббиёну тарбиятгирандагон тоҷиканд, вале ҷараёни машғулот ба забони модарӣ нест.

– Ин масъала дар шуъбаи таълими халқи ноҳия низ баррасӣ гардид ва шояд дар арафаи Рӯзи қабули Қомуси Асосии мо – Конститутсия ҳалли худро ёбад.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.
Дар акс: *аз фаъолияти кӯдакистони рақами 23-юми ноҳияи Самарқанд.*

Аксбардор: Баҳодури ЗОҲИР.

Таърихи диёрро меомӯзем

«ХУЗОР», «ХАЗОР» Ё «ҒУЗОР»

ХУЗОР – аз вожаи арабии «хизор», «хазар», «ахзар» буда, маънии «кабудӣ, сабза»-ро дорад, чунончи, чархи ахзар, яъне осмони нилгун, гардуни тозаву поки кабуд аст. Вожаи «Хузор» алҳол дар талаффузи мардум шакли «Ғузор»-ро гирифтааст. «Ғузор»-ро, баъзан чун вожаи «газар», «роҳи корвонгузар», «гузари роҳи корвони савдову тиҷоратии Шоҳроҳи абрешим» низ маънидод намудаанд, ки агарчи саҳв аст, ба воқеъоти таърихи ин минтақа вобастагӣ дорад. Бино бар ахбори илмии таърихӣ аз рӯзгори мозӣ то ҳол як шохаи роҳи савдову тиҷоратии Шоҳроҳи абрешим аз ин сарзамин убур намуда, тавассути Тирмизу Балх ба сӯйи Хуросону Эрону Арабистону Миср мерафт ва корвони тиҷоратии мамолики мазкур бад-ин роҳ ба Самарқанду Тошканду Туркистону Чин меомад. Дар рӯзгори гуногун бо номҳои суғдии «Искифағн», арабии «Субах» ва аз асрҳои X то соли 1926, яъне то дар ҳайати Ӯзбекистон ташкил гардидани ноҳияи мазкур ҳамчун «Хузор»-маълум буд.

Хузор соли 1938 ба таркиби вилояти Бухоро дароварда шуд. Соли 1943 боз ба ҳудуди вилояти Қашқадарё ворид гардид. Солҳои 1960-1964 дар ҳайати вилояти Сурхондарё буд ва аз соли 1977 мақоми шаҳрро гирифта, тобеи вилояти Қашқадарё шуд. Масоҳаташ 2620 километри мураббаъ мебошад.

Аҳолии он мувофиқ омори соли 2016-ум 187000 нафар аст.

Дар бораи Хузор, таърих ва хусусиёти ҷуғрофии он дар асарҳои «Сурат ул-арз»-и Ибни Ҳавқал [асри X], «Зафарнома»-и Низомиддин Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ, «Мунтахаб уттаворих»-и Натанзӣ, «Мазҳар ул-ачоиб вал маҷмаъ ул-ғароиб»-и Муҳаммадхоҷаи Хузорӣ [1522], «Бадоеъ ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Бобурнома»-и Заҳириддин Муҳаммад Бобур, «Наводир ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Наводири Зиёия»-и Садрӣ Зиё, «Торихи ҳумоюн»-и Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ, «Девон»-и Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат ва осори дигар маълумот оварда шудааст.

Ибни Ҳавқал дар асари таърихию ҷуғрофии «Китоб ул-масолик ва-л-мамолик» [бо номи «Сурат ул-арз» машҳур буда, соли 977 навишта шудааст] дар ҷое «Хизор» ва дар ҷойе вожаи «хазор»-ро истифода бурда, рустои мазкурро тобеи вилояти Кеш навиштааст.

Низомиддини Шомӣ дар «Зафарнома», ҳангоми тасвири ҷангҳои Амир Темур номи «Хузор»-ро чун як макони муҳориба зикр карда, чунин навиштааст: «Амири соҳибқирон аз дунболи онҳо рафта, барои ҷанг кардан Сайфиддин ва Хитойбаҳодурро бо панҷоҳ нафар фиристод. Худи ӯ бо ҳафтод нафар савора ҷониби Хузор рафт».

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар асари «Бадоеъ ул-вақоеъ» ҳангоми сафар ба Мовароуннаҳр номи «Хузор»-ро дар қатори номи вилоятҳои Кобулу Омул, Ҳисор, Самарқанду Бухоро ба забон оварда, мегӯяд: «Чун муқаррар буд, ки корвон дар лаби об мутафарриқ гарданд ва баъзе мутаваҷҷеҳи Кобулу Омул ва баъзе рӯй ба ҷониби Ҳисору Хузор доштанд ва фирқае ливои азамат ба савби Самарқанду Бухоро меафроштанд...»

Заҳириддин Бобур дар асари таърихию этнографии «Бобурнома» пас аз тасвири вилоятҳои Кешу Қаршӣ дар бораи Хузор танҳо дар як ҷумлаи кӯтоҳе «Боз вилояти Хузор аст» [«Яна Хузор вилоятидур»] гуфта, онро ба сифати вилояти мустақил тавсиф намудааст.

Шоир ва маорифпарвари бузург Шарифҷон Маҳдуми Садри Зиё [1867-1932] дар асари «Наводири Зиёия»-и хеш номи «Хузор»-ро ҳангоми тасвири характери як қозии бесаводи амлоки Хузору Кармина овардааст: «Ҷаноби Маъсумхӯҷа амали ӯроқӣ ҳам доштанд, аз гову хар фарқ намекарданд. Маъзолик [бо вуҷуди ин] ҳамеша ба амлоки Хузору Кармина ва баъзе тумонҳо қозӣ мешуданд. Аз он ҷумла боре ба тумони Шофиркон қозӣ буданд».

Шоири шаҳири тоҷик Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат [1878-1902] ба шаҳрҳои Нахшабу Кеш ва Хузор саёҳат намуда, таассуроти худро дар ғазале бо радифи «Нахшаб аст» тасвир намуда, номи Хузорро низ овардааст:

Пурсад ба ҳусн ноҳияи
Кеш то Хузор,
Ин шаҳриёри ҳусн магар
шоҳи Нахшаб аст?!

Муаррих ва ҷуғрофиёшиноси тоҷик Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ дар асари «Торихи ҳумоюн» фасли ҷудогонае бо номи «Зикри вилояти Хузор»-ро оварда, дар ин фасл доир ба таърих, ҷуғрофиё, тарзи муҳити зисти аҳолӣ, омори аҳолӣ, суннатҳои динию миллӣ ва мазору зиёратгоҳҳои ин сарзамин маълумоти муфид медиҳад, ки дорои аҳамияти таърихию илмист.

Зиёратгоҳи Мири Ҷанда – ёдгории меъмории асрҳои XI-XII милодӣ буда, дар маҳаллаи Гулшани ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё бино гардидааст. Овардаанд, ки: Мири Ҷанда тахаллуси Шаҳобуддин Умари Сӯҳравардӣ буда, дар ин обида қабри ӯ ва наздиконаш ҷо гирифтаст. Шоёни таъкид аст, ки Шаҳобуддин Умари Сӯҳравардӣ – асосгузори тариқати сӯҳравардия буда, асари «Авориф ул-маориф»-и ӯ дар олами ислом машҳур аст ва аз дастуруламалҳои роҳи омӯзиши тариқати илоҳӣ мансуб меёбад. Мири Ҷанда падари Шайх Зайниддин мебошад, ки қабраш дар деҳаи Кӯкчаи шаҳри Тошканд воқеъ аст.

Мардтеппа – қалъаи қадим дар ноҳияи Ғузор аст. Аз рӯйи маълумоти бостоншиносӣ дар садаҳои II-I то милодӣ ва то асри VII милодӣ маркази ҳокимият – қароргоҳи мардон будааст.

Нақл аст, ки Мардтеппа то замони пахншавии дини ислом қароргоҳи ҳокимони маҳаллӣ – «мардҳо» буда, онҳо хеле бебок, далер, ҷасур, шуҷоъ, ҷавонмард ва нисбат ба аҳли фақр саховатманду адолатпарвар будаанд. Онҳо пас аз истилои араб ин ҷойро тарк намудаанд.

Ин қалъа барои ҳимоят аз душманони дохилию аҷнабӣ, ба вижа аз хавфу хатари лашкари Бохтару Тахористон бино шудааст.

Ин қалъа то истилои араб маркази вилояти Хузор будааст.

Дар Ғузор (Хузор) олимону донишмандони тоҷик, аз ҷумла лаҳҷашинос, муаллифи як қатор асарҳои илмӣ Миср Эшниёз [1919, деҳаи Сангмӯла, мавзеи Боғичорбоғи ноҳияи Деҳқонобод, – 2002, 20 январ, Мазори Меҳробод, ш. Душанбе, Тоҷикистон], Асом Амирқул [1930, маҳаллаи Гулшани ноҳияи Хузор, – 2006, маҳаллаи Гулшан, Ғузор], адабиётшинос Субҳон Амирзода ва дигарон ба воя расида, ба дарачаи доктори илмҳои филолог ва унвони профессорӣ ноил гардидаанд, ки имрӯз боиси ифтихори ғузориён мебошанд.

Норхӯҷа ЧОРИЕВ,
пажӯҳишгар.

Ёдкард

ДАРЕҒО, НОМДОРИ МАЪРИФАТ РАФТ...

Вафои Эшониён дигар дар байнамон нест. Марги беамон яке аз чеҳраҳои маъруфу маҳбубро аз байнамон рабуд.

Ӯ инсоне буд асил, нурбахши маърифат, пуштибони адолат. Оне ба абадият пайваст, ки роҳнамо, маслиҳатгари беминнат, мураббӣ ва ғамхору меҳрубон, инсони шарифу фаришгадил буд. Ҳамеша бо нури донишу хирад, ахлоқи воло, тамкину салобати маънавӣ дидаҳоро пурнур ва дилҳоро пурсурур менамуд. Мавсуф зодаи деҳаи овозадори Чоршанбеи ноҳияи Самарқанд, парвардаи мактаби ҳамин деҳа, таҳсилкардаи Донишгоҳи меъморӣ ва сохтмони Тошканд буд.

Вай аз ҷумлаи фаъолон ва узви раёсати Маркази миллию маданиии тоҷикон «Самарқанд» ва аз чеҳраҳои барҷастаи фарҳангӣ ба шумор мерафт.

Дар Самарқанд қад рост кардани пайкараи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ (1996) бо шахсияти ин инсони бузургу барнодил вобастагӣ дорад, ӯ ташаббускори ин иқдом буд.

Қарори деринтизор, аммо сурурангези ҳукумат ба даст омад. Озмун барои тарҳи пайкара эълон гардид. Ғолибон муайян гаштанд. Хазинаи «Рӯдакӣ» таъсис ёфт. Бо қарори раёсати Маркази миллию маданиии тоҷикон «Самарқанд» раисии он бар ӯҳдаи олими донишманд Садрӣ Саъдиев вогузошта шуд.

Билохира, 22 марти соли 1996 пайкараи Рӯдакӣ дар майдони Регистони Самарқанд қад афрохт.

Бояд гуфт, ки дар саргаҳи ин ҳама на олим, на адиб ва ё на фарҳангие, балки муҳандисе меистод, ки на номи баланд дошту на мавқеи мустаҳкам. Аммо дурбин буду хушбин ва ғурур дошту ғайрат!

Аз ибтидои солҳои 90-ум хидмати Вафои Эшониён дар болоравии обуноаи рӯзномаҳо ва бозшавии синфҳои тоҷикӣ назаррас буд.

Дар «Шоҳномахонӣ»-ҳое, ки дар ҳамкорӣ бо сафорати Эрон дар Ӯзбекистон баргузор мегашт, иштирокдори фаъол буду ҷойҳои сазоворро соҳиб мегашт.

Ба муносибати 1150-солагии Одамушшуаро дар «Овози тоҷик» маводе рӯйи чоп омад, ки ба қалами Вафо Эшониёни муҳандис тааллуқ дошт.

Солҳои дароз вазифаи раиси деҳшӯрои Чоршанберо бар ӯҳда дошт ӯ, асосу услуби нави дар ҳамбастагӣ бо мардум кор карданро гузошт. Тайи чанд соле, ки раиси деҳшӯро буд, мо дар ҳамбастагӣ фаъолият кардаем.

Фаъолияташро бештар баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум идома дод. Маъракаҳои тӯю азоро сабукбору каммасраф гардонид.

Вафои Эшониён, ки аз табори зиёиёни асили деҳа буд, бо самимияту меҳрубонӣ, донишу фазилати баланди инсонӣ ба маҳбуби дили ҳамкорону ҳамдиёрон табдил гардид. Ӯ бо ҳама ҳамдаму дилсӯз ва устоду мураббии меҳрубону раҳнамои рӯзгор буд. Бо қудрати дониш, тамкину бурдборӣ, суҳани нек, таҳаммулпазирӣ ва салобати маънавии худ дар дили хурду калон ҷой пайдо кард. Баҳри амалӣ гардидани сиёсати давлатӣ аз сидқи дил саъю талош намуд. Ин буд, ки меҳнатҳои шоистааш аз ҷониби идораву ташкилотҳои гуногун ва ҳукумати ҷумҳурӣ борҳо қадр шудааст. Номбурда шахси комилан беозор, нармгуфтор ва инсондӯст буд. Бо чунин хислатҳои фарзонааш машъалафрӯзи донишу нурафшони одамияту ахлоқ, самимият ва ишқ ба касбу пешаи хизмат ба мардум ва номи баланди инсоният сазовор гардид.

Ин инсони обрӯманд соҳиби 5 фарзанд, 15 набера, ки ҳама соҳиби маълумоти олиянду мактабҳои олии кишвар ва мамлакатҳои хориҷиро хатм карда, дар вазифаҳои баланду мухталифи ҷумҳурӣ ва берун аз он фаъолият мебаранд. Сазовор ба таъкид аст, ки ҳамаи онҳо хатмкунандаи мактабҳои тоҷикӣ.

Аз рӯйи адолат мебуд, агар ягон кӯчаи деҳаро ба номи ин марди шариф номгузорӣ мекарданд. Инчунин, дар мактаби деҳа гӯшае ташкил мекарданд, ки дар соатҳои тарбиявӣ дар бораи эшон маълумот дода шавад, то ки барои донишомӯзон ҳам ифтихор бошаду ҳам омӯзанда.

Ман намегӯям, ки ӯ аз
дори дунё рафтааст,
Чойи вай дар дида буд,
акнун ба дилҳо рафтааст.

Амина ШАРОФИДДИНОВА.
САМАРҚАНД.

Дар асоси созишномаи роҳбарони Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) Самарқанд дар соли 2024 мақоми «Пойтахти фарҳанги ҳамдӯстӣ»-ро гирифта буд.

АНЪАНАҲОИ ФАРҲАНГӢ ИДОМА ХОҲАД ЁФТ

Дар театри давлатии мусиқӣ-драмаи Самарқанд бахшида ба итмом расидан ва ба шаҳри Лочини Озарбойҷон гузаштани он чорабинии пуршукӯҳи фарҳангӣ баргузор гардид.

Бояд гуфт, ки дар тӯли чанд моҳи гузашта дар шаҳри бостонӣ бисёр анҷуманҳои фарҳангии хотирнишин шуда гузашт.

Дар тадбир ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов, ҳокими шаҳри Самарқанд Фазлиддин Умаров, ҷонишини нахустини вазири фарҳанги Ӯзбекистон Авазхон Тоҷихонов, иҷрокунандаи вазифаи раиси ҳамкории гуманитарии давлатҳои ҳамдӯстии мустақил Анатолий Исанов ва дигарон ширкат варзиданд.

Сипас вакили махсуси Президенти Озарбойҷон дар шаҳри Лочин Маъсум Мамедов сертификати пойтахти фарҳангиро қабул кард.

Дар поёни чорабинӣ ҳозирон аз консерти санъаткорони ҷавони оркестри симфонии давлатҳои ҳамдӯстӣ таҳти роҳбарии Ҳунарпешаи мардумии Русия Сергей Скрипка ғизои маънавӣ гирифтанд.

– Санъат сарҳад надорад ва он барои таъмини амнияти миллии халҳҳои ҷаҳон хидмат мекунад,– гуфт Сергей Скрипка,– мо хеле хушҳол ҳастем, ки дар Самарқанд – маркази тамаддуни Шарқ баромад намуда, ба ивазаш гулдастаҳои тару тоза ва кафкӯбии самимона гирифтем.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА.
Вилояти САМАРҚАНД.

ЗАФАРИ ВАРЗИШГАРОНИ ҚАШҚАДАРЁ

Дар шаҳри Қаршӣ марҳилаи ниҳоии сабқати ҷумҳуриявӣ оид ба волейбол баргузор гардид.

Ин мусобиқа дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» рӯйи кор омада, тимҳои бехтаринро аз тамоми нуқоти кишвар гирдиҳам оварда. Онҳо бори дарёфти «Ҷоми вазорати умури дохила» вориди сабқат гаштанд. Мусобиқа дар байни ҷавонони синни 16 то 21-сола гузаронида шуд. Байни тимҳо мубориза барои дарёфти «Ҷоми Вазорати умури дохила» хеле пуршиддат буд ва доворони сатҳи ҷумҳурӣ ба ҳунари варзишгарони волейбол баҳои ҳаққонӣ доданд.

Дар натиҷа дастаи ҷавонписарони вилояти Қашқадарё ғолиби мусобиқа дониста шуданд. Ҷойи дуюм насиби варзишгарони вилояти Андиҷон гашт. Ҷойи сеюми сабқатро намояндагони вилояти Намангон забт намуданд.

Ҷавононе, ки дар ин сабқат ғолиб омаданд, минбаъд дар мактабҳои маъруфи варзишии вилояти Қашқадарё ва ҷумҳурӣ хоҳанд хонд ва ба онҳо имкон фароҳам оварда шуд, ки дар тимҳои яккачини волейболбозони кишвар сабти ном шуда, маҳорати худро сайқал диҳанд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.